«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,
д.и.т., профессор,
__________ Ибодуллозода А.И.
«12» ____11____ соли 2025

ХУЛОСАИ

кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи Рамазонзода Давлат Сулаймон дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.2. – Назария ва методики таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ)

Рамазонзода Давлат Сулаймон 16.06.1983 дар шаҳри Душанбе таваллуд шудааст. Соли 2006 факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ-ро бо ихтисоси омӯзгори суруд ва мусиқӣ хатм намуда, фаъолияти илмии худро соли 2021 оғоз намуда дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.2. - Назария ва методики таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ).

Имтиҳонҳои номзадиро бомуваффақият бо баҳоҳои зерин супоридааст:

- Забони хориҷӣ (англисӣ) – “4” (хуб) - 09.12.2022;
- Таърих ва фалсафаи илм – “4” (хуб) - 05.06.2022;
- Ихтисос: 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (аз рӯйи самт ва соҳаи фаъолият), (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) - “5” (аъло) - 8.06.2023. (ба феҳристи ихтисосҳои нав аз рӯйи ихтисоси 5.3.2. - Назария ва методики таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ) мувофиқ мебошад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳоноти номзадиро Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон 11.10.2023, №782 додааст.

Роҳбари илмӣ: Маҷидова Бибиҳафиза – доктори илмҳои педагогӣ профессори кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Диссертатсияи Рамазонзода Давлат Сулаймон дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ» дар кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омода гардидааст.

Рисолаи мазкурро муқарризони холис Нугмонов М- доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими математикаи

ДДОТ ба номи С.Айнӣ; Додхудоева Н. - номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи педагогикаи умумии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ; Ҳабибова О. - номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи педагогикаи умумии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода, хулоса пешниҳод намуданд.

Барои муаррифии муҳтавои мавзуъ сухан ба унвонҷӯ пешниҳод гардид.

Дар баромади худ Рамазонзода Давлат Сулаймон дар бораи мубрамии мавзуи таҳқиқот сухан ронда, қайд намуд, ки масъалаи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ дар шароити муосир яке аз қисматҳои бисёр арзишманд ва зарурии самти омӯзишу парвариш маҳсуб меёбад. Имрӯз дар маҷмуъ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии ҷумҳурии мо корҳое анҷом дода мешаванд, ки ба такмили низоми тарбияи томактабӣ нигаронида шудаанд.

Давраи томактабӣ, ки ҳамчун айёми мувофиқ барои тарбия ва инкишофёбии сифатҳои ақлию зеҳнӣ, иродавию ахлоқии кӯдакон эътироф шудааст, поягузори шахсияти инсон ҳисобида мешавад. Дар таълиму тарбия ва ташаккули қобилияти кӯдакон нақши муҳим дорад. Бинобар ин масъалаи рушди қобилият ва иқтидори эҷодии кӯдакону наврасон дар асоси талаботҳои меъёрӣ - ҳуқуқӣ ва барномавию методии соҳаи таълиму тарбияи томактабӣ пайгирӣ карда мешавад. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» таъкид карда шудааст: таълиму тарбияи томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади инкишоф додани қобилият, шавқу рағбат, хусусиятҳои равонӣ, зеҳнӣ ва фарҳангии кӯдакони синни томактабӣ ва ёрии амалӣ бо волидон (шахсони онҳоро ивазкунанда) дар таълиму тарбияи кӯдакон, инчунин омода намудани онҳо ба таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар баробари ин, мусиқӣ мушоҳидакорӣ, хотира, тафаккур, тасаввуроти кӯдакони томактабиро инкишоф медиҳад. Давраи томактабӣ барои ташаккул додани қобилиятҳои мусиқӣ ва эҷодӣ аз ҳама

мувофиқ аст. Ин синну сол, ба гуфтаи равоншиносон (Б.М.Теплов, А.В. Запорожетс), хусусиятҳои хоси синнусолӣ дорад: меҳрубонии эмотсионалӣ, таваҷҷуҳ ба вазифаҳои ҳаяҷонбахш ва эҷодӣ, рушди бошиддати тафаккур мебошад. Бинобар ин, омӯзонидани кӯдакон ба фаҳмидану ҳаловат бурдан аз асарҳои мусиқӣ бедор намудани шавқу рағбат ва дар онҳо тарбия намудани эҷодкорӣ, вазифаи муҳимми муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ мебошад.

Инкишофи завқи мусиқипарастӣ ва мусиқишиносӣ дар айёми кӯдакӣ, заминаи фарҳанги мусиқии инсонро ҳамчун ҷузъи фарҳанги умумии маънавии ӯ дар оянда таъмин менамояд. Олимон, омӯзгорон навозандагон ба хулосае омадаанд, ки ҳар як кӯдак дорои қобилиятҳои мусиқӣ ва эҷодӣ мебошад. Дар баъзеҳо қобилиятҳои асосии мусиқӣ ва эҷодӣ фавран зоҳир мешавад, дар дигарон баъдан инкишоф ва ташаккул меёбанд. Қобилиятҳои дарк кардани қувваи садоҳо, бо ҳам мувофиқат карди лаҳну суръати оҳанги мусиқӣ дар кӯдакон ба вуҷуд меояд ва минбаъд рушд меёбад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқотро ташкил медиҳад:**

Дар заминаи таҳлилу баррасии таҳқиқотҳои илмии муосир, заминаҳои барномавӣ методии фаъолияти МТТ низоми тарбия ва инкишофдиҳии қобилияти мусиқӣ - эҷодии кӯдакон муайян ва баррасӣ карда шуданд, ки онро омӯзгорони мусиқӣ дар ҳамкорӣ бо мураббия дар фаъолияти таълимию тарбиявии худ вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ ва фардии тарбиятгирандагон аз шароиту имкониятҳои педагогии худ ба таври эҷодӣ истифода бурда метавонад.

**Навгонии таҳқиқоти** илмии кори диссертатсионӣ аз инҳо иборат мебошад:

- масъалаи рушди маҳорат, қобилият, эҷодкорӣ дар кӯдакон ба воситаи мусиқӣ ва бозикунӣ дар Тоҷикистон дар асоси баҳисобгирии таҳқиқоти илмӣ ва арзишҳои маънавии миллӣ мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор дода шуд;
- дар зинаи баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолии кӯдакон ғояҳои консептуалӣ коркард ва амалӣ гардидаанд;
- назария ва амалияи мувофиқат кардан ва мусоидат намудани фаъолияти мусиқӣ ва бозикунӣ ба инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон пайгирӣ карда шуд;
- барои бомуваффақият инкишоф ёфтани фаъолияти мусиқӣ роҳу усулҳои нави ташкили онро ёфтан лозим аст. Ба раванди таълиму тарбия ворид намудани бозиҳои миллии мусиқии кӯдакон дар ҳаёти ҳаррӯза фаъолона истифода бурдани онҳо мусоидат мекунад.

Барои инкишофи қобилияти мусиқӣ ва эҷодии кӯдакони гурӯҳи таҳсилоти томактабӣ дар ҷараёни бозӣ исбот карда шуд, ки имконияту шароитҳоро ба вуҷуд овардан зарур аст.

**Саҳми шахсии довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқотро чунин арзёбӣ намудан мумкин аст:**

- масъалаи маҳорату қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон дар психологияи бачагона ва педагогикаи томактабии ватанӣ бори аввал мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст;
- мафҳумҳои маҳорат, қобилият, истеъдод, эҷодиёт, эҷодкорӣ мувофиқ ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқот шарҳу тавзеҳи худро ёфтааст;
- таҷрибаи кормандони муассисаҳои томактабиро омӯхта, онро таҳлил намуда, дар кори озмоишии худ роҳу усулҳои самарабахши истифодаи фаъолияти мусиқӣ-эҷодиро дар инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон пешниҳод кардааст, ки минбаъд аз онҳо амсилаи технологияи комплексии тарбия ва инкишофи шахсияти тарбиятгирандаи бамактабраванда ва мувофиқ ба таҳсилу тадрисомада таҳия карда шудааст.

Роҳбари илмӣ Маҷидова Бибиҳафиза – доктори илмҳои педагогӣ профессори кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири оид ба фаъолияти унвонҷӯ Рамазонзода Д.С., дар заминаи таҳқиқоти озмоишӣ муқаррароти кори илмиро аз ҷиҳати амалӣ аз тариқи баргузории корҳои озмоишӣ тасвибу тасдиқ кардааст, натиҷаҳои озмоиш ва коркардҳои бадастомадаро таҳлилилу арзёбӣ кардааст, оид ба мавзуи диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқот мақолаҳои илмӣ таҳия ва нашр карда, дар конфиренсияҳои илмӣ иштирок ва маърӯзаҳо кардааст, натиҷаҳои бадастомадаро ҷамъбаст карда, дар заминаи онҳо пешниҳоду тавсияҳои методӣ коркард ва манзур кардааст.

Тибқи мазмуну мундариҷа рисолаи илмӣ ба унвонҷӯ саволҳо пешниҳод гардида, ҷавобҳои мушаххас ва дуруст баргардонида шуд.

Сипас, муқарризони холис Нугмонов М- доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи С.Айнӣ; Додхудоева Н. - номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи педагогикаи умумии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ; Ҳабибова О. - номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи педагогикаи умумии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ оид ба мазмуну муҳтавои диссертатсия ва саҳми унвонҷӯ бароmад ва қайд намуданд, ки саҳми шахсии унвонҷӯ дар он зуҳур меёбад, ки мавсуф масъалаи таҳқиқоти диссертасиониро ҳаматарафа таҳлилу баррасӣ карда, таҳқиқоти назариявӣ ва озмоиширо дуруст ба роҳ мондааст, маводи

таҳқиқотро таҳлили микдорӣ ва сифатӣ карда, маҷмӯи роҳу усулҳоро вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мавриди истифода қарор додааст, дар заминаи таҳқиқоти озмоишӣ муқаррароти кори илмиро аз ҷиҳати амалӣ аз тариқи баргузории корҳои озмоишӣ тасвибу тасдиқ кардааст.

Ҳамин тариқ, бо назардошти муҳокима ва хулосаи муқарризони холис оид ба омӯзиши дараҷаи коркарди масъалаи мазкур бармеояд, ки диссертатсияи Рамазонзода Давлат Сулаймон дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ» кори илмии мустақилона баанҷомрасида буда, дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст.

Натиҷаи корҳои озмоишӣ дар анҷоми ҳар як марҳила таҳлилу ҷамъбаст гардида, мақолаҳои зерин дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопнамудаи унвонҷуй мазмуни рисоларо фаро мегирад.

Рамазонов Д. Сатҳи касбӣ ва маҳорати муаллими мусиқӣ дар ташаккули ҳиссиёти ахлоқию зебоипарастии кӯдакони синни томактабӣ. Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф 2022. №4 (40). - С.144-148.

Рамазонов Д. Ташаккули ҳиссиёти ахлоқию зебопарастии кӯдакони таҳсилоти томактабӣ тавассути мусиқӣ. Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. 2023. №1 (46). - С.56-61.

Рамазонов Д. Маҷидова Б. Инкишофи қобилияти мусиқии кӯдакон ҳамчун проблемаи психологӣ ва педагогӣ дар таҳсилоти томактабӣ Паёми Донишгоҳи миллӣ 2023. №1. - С.236-241

Бо назардошти хулосаҳои муқарризон ва иштирокчиён кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ ва кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогир

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Рамазонзода Давлат Сулаймон аз мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ» кори илмии мустақилона баанҷомрасида ҳисоб карда шавад.

2. Диссертатсияи илмии Рамазонзода Давлат Сулаймон дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ» ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии

номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.2. - Назария ва методики таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ) ҷавобгӯ аст.

3. Диссертатсияи Рамазонзода Давлат Сулаймон дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ» ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.2. - Назария ва методики таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ) барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-030 назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумии ДДОТ ба номи С.Айнӣ аз 20 ноябри соли 2025, протоколи №7 бо иштироки мутахассисони даъватшуда қабул гардидааст.

Дар ҷаласа ҳамагӣ 10 - нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 4 нафар номзади илм, 4 нафар муаллими калон, 1- нафар ассистент ва 1-нафар лаборант.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** «тарафдор» – 10 нафар, «зид» – нест, «бетараф» -нест.

Қарор якдилона қабул гардидааст, протоколи №7 аз 20.11.2025.

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи
педагогикаи умумии ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Мансурова Ҷ. С.

Котиби ҷаласа: Арбобова Ф.А.

Имзои Ҷ.С. Мансурова ва Ф.А.Арбобова- ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Қодирзода С.М.